«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Қурбонзода М.Р. ___________
«___»_________2024.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба диссертатсияи номзадии Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи «Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ) – пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи «**Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ»** ба мазмуни шиносномаи илмии ихтисоси 13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мутобиқат менамояд.

Бо пешрафти илму техника дар соҳаи маориф дар арсаи байналмилалӣ дигаргуниҳои зиёде ба вуҷуд омад ва илми педагогика хеле пеш рафтаву донишмандони соҳаи методика усулу шеваҳои тозаву нави таълимро, ки ҷавобгӯи талаботи замон аст, коркард намудаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ҷаҳонии таҳсилот ворид шуд ва соҳаи маориф яке аз соҳаҳои афзалиятноки сиёсати дохилии кишвар эълон гардида, бевосита зери назар ва раҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Сарвари кишвар дар суханрониҳои хеш борҳо перомуни китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти миёна изҳори

назар карда, аз ҷавобгӯ набудани онҳо, хусусан барномаву китобҳои дарсии адабиёт, ба талаботи замон изҳори нигаронӣ карданд ва ба масъулон дастурҳои мушаххас додаанд. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷавобгӯ будани таҳсилоти кишвар ба талаботи стандартҳои таҳсилоти байналмилалӣ ва дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои роҳбарияти кишвар дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муносибати босалоҳият ба таълимро ҷорӣ кардааст, ки фанни адабиёт низ монанди дигар фанҳои таълимӣ бояд вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият таҳқиқ ва натоиҷи он дар амал татбиқ карда шаванд. Масъалаҳои фавқуззикр зарурати таҳқиқ ва омӯзиши муносибати босалоҳият дар таълими адабиётро ба миён овард, ки ба ташаккули салоҳиятҳо нигаронида шуда, барои беҳтар шудани сифати таълим замина муҳайё мекунанд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Саҳми шахсии Бобоева Зарнигор дар он зоҳир мегардад, ки ӯ алоқамандии технологияи таълимро ба рушди муносибати босалоҳият дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ ҳангоми озмоишҳои таълимӣ пайгирӣ карда, муқаррар менамояд, ки истифодаи мақсадноки усулҳо дар рушди ин ё он салоҳияти хонанда ҷойгоҳи хоса дорад. Муаллифи диссертасия бо далел аз осори шоир ва бо такя ба озмоишҳои педагогӣ собит менамояд, ки дар истифодаи як усул чандин усули дигар ба он ҳамрадиф шуда, дар ташаккули салоҳиятҳо ширкат меварзанд. Чунончи, саволу ҷавоб хоси усули суҳбат аст, вале ҳангоми истифодаи он чандин усули дигар ба он ҳамроҳ мешаванд, ки онро муаллиф *“усул андар усул”* меномад.

Илова бар ин, таҳқиқи мавзуъ ва озмоишҳои педагогӣ унвонҷӯро ба хулоса оварда, ки “муносибати босалоҳият ба таълим як низоми комилан нав набуда, балки муносибати тоза ба низоми суннатии таълими адабиёт ва такмили он мебошад, ки татбиқи бомуваффақияти он ҳам сифати таълимро баланд мебардорад ва ҳам ҷиҳати амалии

дониши андӯхтаи хонандаро дар ҳаёт таъмин менамояд. Барои ин мақсад бояд стандарт, нақша, барномаи таълим, китобҳои дарсии адабиёт аз нав таҳия шуда, асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои методию амалии онҳо ба талаботи муносибати босалоҳият мувофиқ карда шаванд”. Аз таҳқиқи мавзуъ ва озмоишҳои педагогии анҷомдодаи муаллиф бармеояд, ки “заминаи асосии ташаккули салоҳиятҳо дар дарси адабиёт дар курси хониши эзоҳӣ гузошта мешавад ва дар зинаҳои курси хониши адабӣ ва курси таърихи адабиёт ташаккул меёбанд ва амалӣ шудани ин ҳадафҳо вақти зиёдро тақозо мекунад”. Вобаста ба амалӣ намудани ин мақсадҳо унвонҷӯ тавсия медиҳад, ки гузариши тадриҷӣ “аз консепсияи ДММ (дониш, малака, маҳорат) ба консепсияи ДТМ (дониш, таҷриба, малака) бояд талаботи стандарти давлатии таҳсилот қарор ёбад ва меъёри арзёбии дониш ба нишондиҳандаҳои босалоҳиятӣ иртиботи доимӣ дошта бошад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи мавриди назар тахти унвони “Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” мавзуи актуалӣ буда, таҳқиқи мавзуи номбурда аҳаммияти назарию амалӣ ва тарбиявӣ дорад ва дар баланд бардоштани сифати таълими адабиёт мусоидат намуда, ба яке аз самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ дар Тоҷикистон - масъалаи таҳқиқи методикаи таълими адабиёт бахшида шудааст.

Дар таълиму тадриси адабиёт усулҳои интерактивии таълим ба рушди салоҳиятҳо нигаронида шавад, то ки хонанда минбаъд дар куҷо ва чӣ тавр истифода бурдани донишҳои ҳосилкардаашро донад.

**Навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсияи Бобоева Зарнигор дорои дастовард ва навгониҳои зиёдест. Аз ҷумла, муаллифи диссертатсия бори нахуст дар илми педагогикаи тоҷик методикаи таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомиро вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи

умумӣ бо истифода аз технологияҳои навини таълим ва бо такя ба таҷрибаву озмоишҳои педагогӣ ба анҷом расонидааст. Татбиқи муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки имрӯз аз масъалаҳои асосии маорифи кишвар аст, бори аввал дар мисоли таълими рӯзгору осори Абдураҳмони Ҷомӣ бо далелу мадракҳои илмию методӣ дақиқу равшан собит шуда, бо хулосаҳои илман ва амалан аз озмоиши педагогӣ санҷидашуда нишон дода шудааст. Дар татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим унвонҷӯ бори аввал дар педагогика ва методикаи таълими адабиёти тоҷик тамоюли гузаштан ба консепсияи дониш, таҷриба, малака (ДТМ)-ро дар мисоли таълими рӯзгору осори Абдураҳмони Ҷомӣ дар макотиби миёна ба миён гузошта, натиҷаи босамар ва бартарии онро аз модули дониш, малака, маҳорат (ДММ) дар асоси натоиҷи аз озмоишҳои педагогӣ ҳосилшуда собит намудааст.

**Аҳаммияти назарию амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ бори нахуст дар педагогикаи тоҷик мавқеи технологияҳои таълим (аз ҷумла корбурди методҳои интерактивии таълим, монанди методҳои луғатомӯзӣ, муқоиса, лоиҳа, ҷустуҷӯӣ-таҳқиқотӣ ва ғайра)-ро ҳангомии тадриси ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод кардааст. Ошкор ва бо далелҳои илмӣ собит намудани номутобиқатии барномаву китобҳои дарсӣ ба синну соли хонандагон ҳангоми интихоби осори Абдураҳмони Ҷомӣ ва пешниҳоди намунаҳо аз осори адиб барои ҳар се зинаи омӯзиши адабиётро метавон аз дастовардҳои дигари муаллифи диссертатсия донист. Илова бар ин, муаллиф таълими консептуалии рӯзгору осори Абдураҳмони Ҷомиро дар шароити муносибати босалоҳият ба таълим пешниҳод намудааст, ки арзиши илмию методӣ ва амалии диссертатсияро пуркувват намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар навиштани барномаву китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ доир ба методикаи таълими адабиёти тоҷик, ҳангоми тартиб додани барномаи таълими адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таълимӣ, васоити таълимӣ барои омӯзгорон, донишҷӯёну хонандагон, хондани лексияҳо, ҳамчунин

барои гузаронидани курсҳои махсус ва семинарҳо аз методикаи таълими адабиёти тоҷик истифода бурдан мумкин аст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ки ҳар як вобаста ба мавзуъ ва масъалаҳои мавриди таҳқиқ дорои фаслу зерфаслҳои махсусанд, хулоса, тавсияҳои методӣ ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Муаллифи диссертатсия дар муқаддима муҳиммияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, мақсад ва вазоифи таҳқиқ, объект, предмет, фарзияи таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ ва дигар масоили марбут ба таҳқиқотро мушаххас намуда, масъалаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро манзур кардааст.

**Боби аввали** диссертатсия "Асосҳои назариявӣ ва методии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" унвон дошта, аз чаҳор фасл иборат аст. Дар **фасли аввал** унвонҷӯ нахуст, бо такя ба таҳқиқоти донишмандони ватанию хориҷӣ асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои методии муносибати босалоҳият ба таълими адабиётро асоснок намуда, таълими интерактивии омӯзиши шарҳи ҳоли Абдураҳмони Ҷомӣ ва мероси адабию илмии ӯро вобаста ба зинаҳои омӯзиши адабиёт дар асоси озмоишҳои педагогӣ таъйин менамояд. Дар **фаслҳои дуюм ва сеюм** мавқеи технологияи таълимро дар ташаккули салоҳиятҳои омӯзгорону хонандагон ҳангоми омӯзиши рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ муайян намуда, ҷамъбасти натиҷаҳои озмоиши таълимиро доир ба тадриси ҳаёт ва эҷодиёти шоир пешниҳод мекунад.

Дар **фасли чаҳоруми боби якум** натиҷаҳои озмоиш (эксперимент)-и таълимӣ доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ ҷамъбаст гардидааст. Ҷадвалҳои пешниҳоднамудаи муаллиф хусусияти оморӣ ва аҳамияти методӣ дошта, раванди татбиқи муносибати босалоҳиятро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳанд.

**Дар боби дуюми** диссертатсия дар ибтидо махсусияти таълими осори Абдураҳмони Ҷомӣ дар зинаи ибтидоии таҳсил мушаххас гардида, сониян, таълими шарҳи ҳол ва мероси адабии шоир дар курси хониши

адабӣ таҳқиқ шуда, бо такя ба озмоишҳои педагогӣ усули таълими шарҳи ҳол ва мероси адабии адиб пешниҳод шудааст. Дар **фасли якум** унвонҷӯ истифодаи осори шоирони адабиёти классикӣ, алалхусус Абдураҳмони Ҷомиро дар китобҳои дарсии синфҳои 1-4 баррасӣ намуда, мақсади интихоб, дастовардҳо, нуқсу камбуд ва ҷавобгӯ будан ё набуданашон ба талаботи муносибати босалоҳият дар асоси озмоишҳо, бо далелҳои илмӣ муайян намудааст. Муаллифи диссертатсия махсусиятҳои таълими осори шоирро дар ин зинаи таҳсилот мушаххас намуда, як зумра тавсияҳои методӣ пешниҳод кардааст, ки қобили қабуланд. Дар **фасли дуюм**, ки аз се зерфасл иборат аст, шарҳи ҳол ва осори назмию насрии шоир мавриди таҳқиқ қарор гирифта, усули тадриси онҳо вобаста ба шароити муносибати босалоҳият пешниҳод шудааст. Муаллиф **дар зерфасли якум** бо далоили илмӣ ва методӣ собит менамояд, ки шарҳи ҳоли Абдураҳмони Ҷомиро бо такя ба ҳикояҳо метавон дар курси хониши адабӣ таълим дод. Ин амал имкон медиҳад, ки хонандагон ҳам бо матни бадеӣ кор кунанд ва дар баробари он аз лаҳзаҳои ҷолиби зиндагии адиб огоҳ шаванд. Дар **зерфасли дуюм** усули таълими осори манзуми шоир дар курси хониши адабӣ (синфи 7) дар чаҳор марҳалаи муносибати босалоҳият татбиқ гардида, методикаи таълими онҳо, ки ба ташаккули салоҳиятҳо нигаронида шудааст, пешниҳод мегардад. Дар **зерфасли сеюми фасли дуюм** методикаи таълими "Баҳористон" дар синфи 7 мавриди таҳқиқ қарор гирифта, усули таълими он дар шароити муносибати босалоҳият бо такя ба озмоишҳои педагогӣ пешниҳод шудааст. Таҳқиқ ва озмоишҳои педагогӣ муаллифи диссертатсияро ба хулоса овардааст, ки таълими "Баҳористон"-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар шароити муносибати босалоҳият дар курси хониши адабӣ (синфи 7) натиҷаи беҳтару хубтар медиҳад ва аз синфи 9 ба синфи 7 гузаронидани он дар омӯзиши ин асар халале ворид намесозад.

**Дар боби сеюми диссертатсия**, ки аз **се фасл ва ду зерфасл** иборат аст, методикаи таълими шарҳи ҳоли Абдураҳмони Ҷомӣ, роҳу усулҳои таҳлили ғазалиёти шоир ва шеваи таълими асарҳои ҳамосии ӯ дар синфи

9 мавриди таҳқиқ қарор гирифта, бо такя ба таҷрибаву озмоишҳо усули таълими онҳо вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият пешниҳод шудааст.

Дар **хулосаи диссертатсия** ба таври ҷомеъ натоиҷи бадастомада аз таҳқиқ ва озмоиши мавзуъ дар 12 банд ироа шудааст, ки пояи баланди илмию методӣ дошта, дурнамои кори диссертатсиониро нишон медиҳад. Хулосаҳои илмию амалии диссертатсия дар ташаккули методикаи навини адабиёти тоҷик арзишманд мебошанд. Тавсияҳои илмию методии диссертатсия, ки дар 10 қисмат баён шудаанд, дар раванди татбиқи муносибати босалоҳият дар дарсҳои адабиёт, алалхусус ҳини омӯзиши рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ характери консептуалӣ дошта, ҳангоми таҳияи консепсияи таълими адабиёти тоҷик, стандартҳои давлатӣ, барномаи таълими адабиёти тоҷик, китобҳои дарсии адабиёти тоҷик, дастурҳои методӣ доир ба методикаи таълими адабиёт ва ғайра метавон аз онҳо истифода бурд.

Дар баробари дастовардҳои диссертатсияи мавриди тақриз, ки хеле зиёданд, баъзе камбудҳо ба назар расид, ки ислоҳи онҳо арзиши корро боз ҳам баланд мебардорад:

1. Аз он сабаб ки муносибати босалоҳият ба таълим падидаи тоза дар маорифи кишвар мебошад ва бештари омӯзгорон бо он шинос нестанд, хуб мебуд, қисмати назариявии мавзуъ ва усулҳои татбиқи он батафсил нишон дода мешуд.

2. Агар саволномаҳо ва ҷадвали ба нақша гирифтани ташаккули салоҳиятҳо, ки намунаи онҳо дар диссертатсия омадааст, дар қисмати “Замима” аз ҳар як мавзуи баррасишудаву аз озмоиш гузашта пешниҳод мешуд, ҷанбаи методии диссертатсия афзун мегардид.

3. Баъзе аз ҷумлаҳои диссертатсия дарозу тӯлониянд, содаву мухтасар кардани онҳо дарки матлабро барои хонанда осон мегардонад.

4. Агар дар замимаи диссертатсия бо такя ба озмоишҳое, ки унвонҷӯ гузаронидааст, барномаи таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод

мегардид, кори мураттибони барномаи навро ба маротиб осон мегардонид ва арзиши методии диссертатсия меафзуд.

5. Дар рисола баъзе хатоҳои имлоиву техникӣ ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

Камбудҳои баёншуда тавсиявӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмӣ ва методии диссертасияро коҳиш намедиҳанд.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 15 мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои илмию методӣ ба нашр расидаанд, инъикос ёфта, ба мавзуъ ва мазмуни диссертатсия алоқаи бевосита доранд. Мақолаҳои илмии нашршудаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34,35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи диссертатсияро инъикос намудааст. Муқаддима, бобу фаслҳо, зерфаслҳо ва хулосаи диссертатсия бо автореферат мувофиқат дошта, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад. Муҳтавои диссертатсия бо автореферати он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ иншо шудааст, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро бо мақолоти таълифнамудаи муаллиф пурра инъикос карда, рӯйхати адабиёт бар асоси меъёр ва талаботи мавҷуд таҳия гардидааст. Диссертатсия бо муҳимият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалии худ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04 – Назария ва методикаи талими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) сазовор мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи «Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04 – назария ва методикаи талими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 15-уми апрели соли 2024, суратҷаласаи №9 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" -12 нафар, "зид"- нест, "бетараф" – нест.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илми филология** **Муродов А.А.**

**Эксперт:**
**номзади илми педагогика, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** **Маҳмадалиев С.**

**Котиби ҷаласа:**
**муаллими калони кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** **Абдураҳимов Ф.**

**Имзоҳои А. Муродов, С. Маҳмадалиев ва Ф. Абдураҳимовро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав** **Шукурзод Ҷ.А.**

**Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.**
**Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53; Email: bqu-1978@mail.ru**

«15» 04 с. 2024